# Амнияти молиявии шахс дар Интернет



RUDN university

МУМЦФМ

Минпросвещения России

Минобрнауки России

Росфинмониторинг

# Омори соли 2022






**Танҳо 47% пурсидашудагони наврас**

боварӣ доранд, ки онҳо барои пешгирӣ кардани хатарҳои молиявӣ дар ҳаёти ҳаррӯза дониши кофӣ доранд

**48% пурсидашудагони наврас**

қайд карданд, ки онҳо дар ин соҳа дорои маълумоти муайян ҳастанд, аммо чунин маълумот барои пешгирӣ кардани хатарҳои молиявӣ кофӣ нест

**5% пурсидашудагони наврас**

иқрор шуданд, ки оиди бехатарии молиявӣ умуман дорои маълумоте нестанд, ки аз хатарҳои молиявӣ канорагирӣ кунанд ва бехатарии пасандозҳои худро таъмин намоянд

# Амнияти молиявӣ



– маҷмӯи тадбирҳо, усулҳо ва воситаҳои ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат дар макросатҳ ва сохторҳои корпоративӣ, фаъолияти молиявии субъектҳои соҳибкорӣ дар микросатҳ.



**Миллӣ (давлатӣ)**

амнияти молиявӣ дар сатҳи умумидавлатӣ

**минтақавӣ**

амнияти қисмҳои (воҳидҳои маъмурӣ) алоҳидаи давлат

**Корпоративӣ**

амнияти молиявии ташкилот, мақомот ва ширкатҳои мухталиф

**шахсӣ (оилавӣ)**

амнияти молиявии шахси алоҳида, инфиродӣ

# Қаллобии молиявӣ

— ин содир намудани кирдорҳои алайҳиқонунӣ дар соҳаи муомилоти пул тавссути фиреб, сӯиистифода аз боварӣ ва дигар найрангҳо бо ҳадафи ба даст овардани маблағ бо роҳи ғайриқонунӣ.

**бо истифода кортҳои бонкӣ**

**дар шабакаи Интернет**

**бо истифодаи телефони мобилӣ**

**пирамидаҳои молиявӣ**

RUDN university







# I. ПРОФИЛИ РАҚАМӢ ВА МАЪЛУМОТИ БИОМЕТРИИ ШАХСӢ

# Омори Global Digital, 2023 сол

истифодаи шабакаи ҷаҳонии интернет ва бехатарии маълумоти шахсӣ дар Интернет



## 64,4 % аҳолии ҷаҳон

дастрасӣ ба шабакаи интернет доранд



## 60 % аҳолии ҷаҳон

аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд



## 59% фоизи ҷавонон

Ҳангоми харид дар Интернет ба бехатарии маълумоти шахсии худ аҳамияти кофӣ зоҳир наменамоянд

## Андеша ва муҳокима намоед:

Дар асоси маълумоти дар боло зикр гардида ба чӣ гуна хулосаҳо омадан мумкин аст?

RUDN university

# Омори соли 2022

Фоизи онҳое, ки бо изҳороти зер розӣ ҳастанд: "Ман дорои дониш ва малакаи кофӣ барои таъмини ҳифзи маълумоти шахсии худ дар Интернет астам", (% онҳое, ки аз Интернет истифода мебаранд)



# Маълумоти шахсӣ

— ҳама гуна иттилоотест, ки мустақиман ё ғайримустақим ба шумо ишора мекунанд ё бо ягон тарз ба шумо алоқаманд ҳастанд




муълумоти шахсии умумӣ



категорияҳои махсуси маълумоти шахсӣ



маълумоти шахсии дастраси оммавӣ



маълумоти шахсии биометрӣ

# Шахсияти рақамӣ

— маълумоти шахсӣ, ки бо истифода аз он ҷинояткор метавонад ба шумо тақлид намояд, масалан, барои ба даст овардани фоидаи моддӣ.

## Задание

Ҳадди ақал се мисоли иттилоот - унсурҳои "шахсияти рақамӣ" -ро, ки шумо дар Интернет ба таври оммавӣ интишор мекунед, биёред.
Duздида шудани кадом намуди маълумоти шахсии шумо мумкин аст?



# Чаро шахсияти рақамиро медузданд?



қаллобӣ ва тамаъҷӯӣ



Бақайдгирии аккаунтҳои (ҳисобҳо) қалбакӣ



Гирифтани қарз, бонусҳо ва истифода аз хидматҳо ба тариқи паспардохт

# Ҳодиса

Депутати шаҳри Н. Сатторов Ш.Ш. дар шабакаи интернет ба шарҳҳое дучор омад, ки аз номи ӯ дар манбаъҳои мухталиф нашр гардида буданд. Зоҳиран шарҳҳо оддӣ ва диққатҷолибнакунанда буданд ва тафсилоти воқеии ҳаёти оилавии ӯ ва тавсифи маҳсулотҳои дар интернет харидшударо дар бар мегирифтанд. Вале дар шарҳҳо ҳамеша дағалӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба дигар муштариён мушоҳида карда мешуд, ки монусибати манфии хонандагонро ба муаллиф ба вуҷуд меовард.

Дар натиҷа шаҳрванд Сатторов Ш.Ш. тасмим гирифт, ки ба моликони шабака бо дархости нест кардани маълумоти шахсии ғайриқонунӣ паҳншуда нависад.



# Супориш

1. Матнро мутоила кунед
2. Тахмин кунед, ки чӣ гуна «ҷузъиёти ҳаёти оилавии» депутат Ш.Ш. Сатторовро дар баробари нашр намудани шарҳу баррасӣ ба маҳсулотҳо паҳн кардан мумкин буд.
3. Дар асоси маводи Ёддошт дар бораи рафъи оқибатҳои ихроҷи маълумот ва намунаи муроҷиати дар тасвири № 12 мавҷудбуда муроҷиати фарзиявии шаҳрванд Ш.Ш. Сатторовро ба моликони сомона бо дархости нест кардани маълумоти шахсии ғайриқонунӣ ҷойгиршуда тартиб диҳед

# Намунаи дархост барои нест кардани маълумоти шахсӣ




Рӯз ба хайр

Дар сомонаи Шумо (истинодро пешниҳод намоед) маълумоти шахсии ман дар дастрасии оммавӣ қарор дорад, хусусан (муайян кунед, ки кадом маълумот). Лутфан ба ман кӯмак кунед, ки онҳоро нест кунам.
Агар ба муроҷиати худ посухе дарёфт нанамоям, бо таассуф ба шумо хабар медиҳам, ки ба мақомоти танзимкунанда аризаи дахлдор пешниҳод мекунам ва инчунин ба бақайдгирандаи номи домен ва провайдери хостинг, ки ба сайти шумо хидмат мерасонанд, шикоят мекунам.
Ман ба кӯмаки шумо умед дорам!

Бо эҳтиром,
НОМИ ПУРРА.

# Қоидаҳои гигиенаи рақамӣ:

- гузарвожаҳои (паролҳои) мураккаб ва гуногун эҷод кунед, беҳтараш барои эҷод ва нигоҳ доштани гузарвожаҳо аз муҳаррики паролэҷодкунанда истифода баред;
- аутентификатсияи дуомиларо барои ворид шудан ба ҳисоби худ насб кунед;
- барномаҳоро танҳо аз мағозаҳои расмӣ насб кунед ва бодиққат тафтиш намоед, ки шумо ба онҳо чӣ гуна имкониятҳоро дастрас кардаед;
- барои мубодилаи иттилоот аз хизматрасонии воситаҳои электроние истифода баред, ки имконияти нобуд кардани маълумот аз қабулкунандаро дошта бошанд;
- шабакаҳои иҷтимоиро барои авторизатсия дар сомонаҳо истифода набаред;
- ҳама аккаунтҳои истифоданашавандаро нобуд созед;




RUDN university

# Маълумоти шахсии биометрӣ

- Рамзи ДНК
- шакли мардумаки чашм
- тасвири чеҳра
- изи ангуштон ва шакли хатҳои кафи даст
- Овоз
- қад ва вазн; хусусиятҳои сохтори бадан

# Ҳодиса

Соли 2021 сокини шаҳри А. Муқаддас шикоят кардааст, ки ба доми қаллобон афтода, аз барномаи махсуси компютерие, ки метавонад нутқи инсонро “нусха” кунад, 5 ҳазор сомониро аз даст додааст. Барои маҳрум нагаштани дӯсташ аз ҳуқуқи ронандагӣ дар ҳолати мастӣ ӯ маҷбур гаштааст, ки ин миқдор маблағро интиқол диҳад. Вақте аз рақами ба духтар номаълум «дӯсташ» занг задааст, ӯ ягон шубҳае надоштааст, ки воқеан бо дӯсташ сӯҳбати телефонӣ мекунад. Гӯё дӯсташ рақами телефонашро иваз кардааст ва воқеан ба кумак ниёз доштааст, зеро корманди милиса аз ӯ пора талаб кардааст. Баъдан гӯшакро «корманд»-и милиса гирифта, духтаракро ба пулро барои «ҳал кардани» вазъият супоридан розӣ намудааст. Муқаддас фармоиши одамони ношиносро куллан иҷро намудааст. Танҳо вақте ки аз шубҳанок будани вазъият пай бурдааст, ба бонк занг задааст, вале маблағ аллакай дастраси қаллобон гаштааст.



RUDN university



# II. АМНИЯТИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА БОЗИҲОИ ОНЛАЙНӢ

# Фишинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ

— қаллобӣ бо истифодаи васоити ахбори оммаи иҷтимоӣ барои ғасб кардани аккаунтҳо ва сарҳисобҳои афрод, duздидани маълумоти махфӣ аз қурбониён ё ҷалби онҳо ба сомонаҳои қалбакӣ бо мақсади даромад ба даст овардани қаллобон



**Мағозаҳои интернетӣ, кинотеатрҳо, интиқоли мол ва дигар хидматҳои пулакӣ**

Ҳадаф: маълумоте, ки барои дастрасӣ ба кортҳои бонкии алоқаманд, имконият медиҳад



**Интишори ҳикояҳои мутаассир дар шабакаҳои иҷтимоӣ оиди кӯдакон ё ҳайвоноте, ки ба кӯмак ниёз доранд**

Ҳадаф: шумораи максималии репостҳо ва маблағҳое, ки ба хайрияи бардурӯғ равона карда мешаванд (эҳтимол барои маблағгузории терроризм ва экстремизм)



**Паёмҳо бо дархости қарз, оиди овоздиҳӣ дар озмун, истинод ба "видеои хандовар" , иштирок дар лотерея**

Ҳадаф: ба даст овардани аккаунти шабакаи иҷтимоии шумо

# Ҳодиса

Дар моҳи августи соли 2019 Fstoppers дар бораи як ҳодисаи фишинг дар Instagram хабар дод, ки дар он қаллобон ба муштариёни Instagram паёмҳои хусусӣ фиристода, онҳоро аз нақзи ҳуқуқи муаллифии тасвир ҳушдор медоданд ва талаб мекарданд, ки варақаи махсусро пур намоянд, то ки дастрасӣ ба аккаунти (ҳисоби) онҳо қатъ карда нашавад.

Яке аз қурбониён гӯё аз аккаунти расмии North Face паёми хусусӣ гирифт, ки дар он нақзи ҳуқуқи муаллиф иддао мешавад. Ҷабрдида бо истифода аз истиноди дар паём ишорашуда ба як сомонаи ба назар воқеии InstagramHelpNotice.com пайравӣ мекунад, ки дар он аз ӯ хоҳиш карда мешавад, ки барои воридшавӣ ба сомона маълумоти худро дохил намояд. Ҷабрдида, ки ба дом афтода буд, дар ниҳоят ба хакерҳо дастрасӣ ба маълумоти ҳисоби худ ва шахсии марбут ба аккаунти Instagram-ашро дод.



# Рӯйхати санҷишӣ: Оё ман аз фишинг муҳофизат карда шудаам?

Санҷед, ки ба кадоме аз қоидаҳо шумо мунтазам риоя мекунед:

- [ ] *Гузарвожаҳоро ҳар се моҳ иваз мекунам*
- [ ] *Ҳеҷ гоҳ гузарвожаҳои якхеларо дар сомонаҳои гуногун истифода намебарам*
- [ ] *Бодиққат тафтиш менамоям, ки логин, гузарвожа ва маълумоти пардохтро ба куҷо ворид мекунам*
- [ ] *Аутентификатсияи дуомиларо истифода мебарам*
- [ ] *Ба истинодҳои шубҳанок пайравӣ намекунам*
- [ ] *Ба пешниҳодҳои беасос ҷолиб бовар намекунам*



RUDN university

# Аккаунтҳои (ҳисобҳои) қалбакӣ



— профили қалбакӣ дар шабакаи иҷтимоӣ, ки яке аз роҳҳои ба даст овардани маълумоти шахсӣ ва пули муштариён мебошад




### Мағозаи интернетии онлайн ва сомонаҳои хайриявии бардуруғ

- маълумотро оиди таҳфиф дар сомонаҳои расмии мағозаҳо тафтиш кунед
- гумон аст, ки мағозаҳои калон хабарро дар бораи озмун ё лотерея, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ирсол кунанд,



### Аккаунтҳо барои тамаъҷӯӣ ва ширкат дар маблағгузории терроризм

- фаъолиятро дар саҳифа тафтиш кунед - паёмҳо бояд дар фосилаҳои гуногун нашр карда шаванд (на 10 паём дар 1 рӯз) ва лайкҳо / шарҳҳо бояд ба шумораи муштариён мувофиқ бошанд



### Аккаунтҳои шахсони машҳур

- бисанҷед, ки оё саҳифаи шахси машҳур тасдиқ шудааст - профилҳои тасдиқшуда бо аломати кабуд ифода карда мешаванд
- санаи эҷоди профил ва асолати паёму шарҳҳоро тафтиш кунед

RUDN university

# Амнияти молиявӣ дар бозиҳои онлайнӣ




афзоиши шумораи бозингарон дар бозиҳои онлайнӣ

=

зиёд шудани хатари оқибатҳои манфӣ

! Бозиҳои онлайнӣ на танҳо асъори бозӣ ва ашёи ба бозӣ марбут, балки пули ҳақиқиро ҳам нигоҳ медоранд

# Хатарҳои асосӣ дар бозиҳои онлайнӣ

## Ғорати маълумоти шахсӣ

маълумоти шахсӣ - дастрасии мустақим ба ҳамён

## Дуздии аккаунти (ҳисоби) бозӣ

ҳисобро дуздида, қаллобон ба муштарӣ таҳдид менамоянд ва барои баргардонидани аккаунт маблағ талаб мепурсанд

## Ғорати пул

тақрибан нисфи ҳолатҳои қаллобӣ ҳангоми кушодани суратҳисоб барои харидани пули виртуалӣ дар бозӣ ва ё хариди замимаҳо барои оғози бозӣ рух медиҳанд

# Хатарҳои асосӣ дар бозиҳои онлайнӣ

## Барномаҳо ва замимаҳои браузерии зараровар

аз муштарӣ хоҳиш карда мешавад, ки плагинро барои бозӣ зеркашӣ кунад. Вай аз ин ҳила бехабар аз истинод ба сомонаи дигаре, ки барномаи зараровар дорад, пайравӣ мекунад

## Вайрон кардани дахолатнопазирӣ

ҳамлагарон метавонанд ба дигар ҳисобҳои шумо дастрасӣ пайдо кунанд ва ё ҳисобҳои навро ба номи шумо сабт намоянд

## Пардохтҳои пинҳонӣ

Барои дастрасӣ ба тамоми хусусиятҳо ва функсияҳои бозӣ, шумо бояд тавассути пайваст кардани корти бонкӣ ба ҳисоби бозии худ, пардохт амалӣ намоед

RUDN university

# Акрам, 20 сола



# Супориш:

1. Матни дар тасвири № 25-бударо хонед.
2. **Баъд чӣ шуд? Дар асоси дониши худ оиди намудҳои эҳтимолии қаллобӣ дар бозиҳои онлайнӣ кӯшиши пешгӯйии ҳодисаҳои минбаъд рух дода дар вазъияти зикргардида кунед.**
3. Аз ин вазъият чи гуна хулоса баровардан мумкин аст?

# Вазъият





Акрам, 13 сола

Вақте ки ман мактабхон будам, дар «Counter-Strike: Source» як сервер пайдо кардам, ки дар он ҷо як мард дар зери ниқоби Одами оҳанӣ буд. Вақте ки ӯ мемурд, регдолли ӯ садоҳои металлии хунукро зоҳир мекард, ки маро мутаассир менамуд ва ба ҳайрат меовард. Ман дар чати умумӣ пурсидам, ки чӣ гуна чунин ниқобро ба даст овардан мумкин аст ва администратори сервер ҷавоб дод, ки чунин намуна танҳо барои администраторҳо дастрас аст, аммо ба ман аз бемузд истифода бурдани он имкон дод.

Вай ниқобро барои ман дар сервер фаъол кард ва ҳама чиз хуб кор мекард, аммо баъд ӯ навишт, ки намунаро (ниқобро) бояд дар Steam фаъол кард, то он нопадид нагардад. Бо хоҳиши ӯ ман TeamViewer-ро насб кардам ва ба компютери худ ба ӯ ҳуқуқи дастрасӣ додам. Вай ба компютери ман пайваст шуд, бевосита дар мизи кории ман барномаи Блокнотро (дафтарак) кушод ва дар он ҷо чӣ кор карданам лозим буданашро навишт.

# III. ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР БАХШИ МОЛИЯВӢ



# Ташкилотҳое, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дар бахши молиявӣ муҳофизат мекунанд

1. Бонки миллӣ
2. Мақомоти зиддиинҳисорӣ
3. шӯъбаи корҳои дохилӣ, милиса
4. Прокуратура

# Ҷамъбаст кардани дарс

**Дар саҳифаи шумо дар шабакаи иҷтимоӣ кадом маълумот бояд нишон дода нашавад? Якчанд вариантҳоро интихоб кунед.**

а) маълумот оиди хешовандон
б) маълумот оиди макон
в) рақами телефон
г) ном ва насаб
д) суроғаи пурраи ҷойи истиқомат
е) ҳама чизҳои дар боло зикршуда

**Кадом омилҳоро барои шинохтани ҳисоби қалбакӣ истифода бурдан мумкин аст? Якчанд вариантҳоро интихоб кунед.**

а) дар паҳлӯи ном аломати кабуд вуҷуд надорад
б) ин шахс ба шумо шинос нест.
в) шахс дорои пайравони зиёд аст, аммо дар саҳифа фаъолияти хеле кам дорад
г) профил ба наздикӣ сохта шудааст ва дар канал танҳо як акс мавҷуд аст
д) профили соҳиби саҳифа тасдиқ шудааст, аммо аватар гул дорад, на акси соҳиби саҳифа

# Олимпиадаи байналмилалӣ оид ба амнияти молиявӣ



Минпросвещения России

Минобрнауки России

Росфинмониторинг

RUDN university

# Ҳадафҳои Олимпиада:



- баланд бардоштани маълумоти умумӣ, саводнокии молиявию ҳуқуқии ҷавонон, ташаккули шакли нави тафаккур ва шакли нави фаъолият, ошкор намудани истеъдодҳо дар соҳаи амнияти молиявӣ;
- фароҳам овардани шароит барои траекторияи инфиродии таълим, мусоидат ба тамоюли касбии муҳассилон барои ташаккули захираҳои кадрии системаи амнияти молиявӣ;
- ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимӣ, маърифатӣ ва тадқиқотии муҳассилон, рушди донишҳои илмӣ дар соҳаи амнияти молиявӣ.

# Маршрути Олимпиада

## дарси мавзӯӣ оид ба амнияти молиявӣ

## 1 МАРҲАЛАИ ДАЪВАТИ ОЛИМПИАДА

- дар платформа ва сомонаи олимпиада баргузор мегардад
- мӯҳлати ниҳоӣ - то 7 апрели соли 2023

## 2 МАРҲАЛАИ ПЕШАКИИ ОЛИМПИАДА (дар донишгоҳҳо)

- дар сомонаҳои донишгоҳҳое, ки дар Институти байналмилалии шабакавӣ дар соҳаи арзёбии хатарҳои пулшӯӣ ва маблағгузори терроризм (ПОД/ФТ) иштирок мекунанд, баргузор мешавад
- мӯҳлати ниҳоӣ - то 19 майи соли 2023
- ғолибон ҳуқуқи иштирок дар марҳилаҳои минбаъдаи олимпиадаро пайдо мекунанд

## 3 МАРҲАЛАИ ИНТИХОБИИ ОЛИМПИАДА

- фиристодани иншо (эссе) аз ҷониби довталабон

## 4 МАРҲАЛАИ НИҲОИИ ОЛИМПИАДА

- дар қаламрави федералии "Сириус" (Сочи, Русия) баргузор мегардад.
- мӯҳлати ниҳоӣ - 2-6 октябри соли 2023
- ба ғолибон ва ҷоизадорон ҳангоми дохил шудан ба Мактабҳои олӣ ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешавад

RUDN university

# Шуморо ба иштирок кардан даъват менамоем:

муҳассиллони муассисаҳои таҳсилотии Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Арманистон, Бразилия, Ҳиндустон, Чин, Африқои Ҷанубӣ, Русия, Эрон, Покистон, Намибия

RUDN university

МУМЦФМ

Минпросвещения России

Минобрнауки России

Росфинмониторинг

**Маълумоти муфассал:**
**www.fedsfm.ru - Росфинмониторинг**
**www.mumcfm.ru - МУМЦФМ**
**www.rudn.ru - РУДН**
**rosfinolymp.ru - сомонаи Олимпиада**
**Почтаи электронӣ:**